# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур дар мавзуи «Ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳукуқи халқи тоҷик», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст. – Душанбе, 2025. – 65 саҳ.**

Диссертатсияи Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур ба яке аз мавзуҳои рӯзмарраи илми таърихи давлат ва ҳуқуқ бахшида шуда, зери унвони «Ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик», таълиф шудааст, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ таҳқиқоти нав дар самти таърихи рушди ҳуқуқи оилавии тоҷикон маҳсуб меёбад.

Омӯзиши муносибатҳои оилавӣ дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ ба шинохти фарҳанг, худшиносии миллӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва такмили қонунгузории оилавии муосир метавонад таъсири муассир расонад, ки ин ҳолат аз мубрам будани мавзуи таҳқиқнамудаи унвоҷӯ-докторант шаҳодат медиҳад. Аз ин рӯ мо таҳқиқи масъалаи ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавиро дар таърихи ҳукуқи халқи тоҷик зарур ва саривақтӣ мешуморем, чунки равандҳои ҷаҳони муосир ба муносибатҳои оилавӣ-ҳуқуқӣ таъсири ҷиддӣ расонида, дар миёни ҷавонон майл ба тақлиди фарҳанги барои миллати мо бегона то рафт зиёд мушоҳида шуда истодааст, ки ин ҳолат мубрамияти мавзуи зикргардидаро дучанд мегардонад, зеро шинохти унсурҳои муносибатҳои оилавӣ дар миёни гузаштагони тоҷик яке аз воситаҳои асосии мубориза бо бегонагароӣ ва тақлиди кӯркӯрона ба ҳисоб меравад.

Бояд гуфт, ки масъалаҳои алоҳидаи муносибатҳои оилавии тоҷикон дар тули таърих аз ҷониби олимони ватаниву хориҷӣ то ҳадде омӯхта шудааст, ки муаллиф дар қисмати дараҷаи таҳқиқи мавзуъ ин масъаларо зикр намудааст, вале то имрӯз дар сатҳи як диссертатсияи мукаммал касе ин масъаларо мавриди таҳқиқ қарор надодааст ва таҳқиқоти диссертатсионии Аминзода

А.Х. нахустин таҳқиқоти илмӣ доир ба мавзуи ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик ба ҳисоб меравад.

Дар рафти таҳқиқ мақсад, вазифа, предмет, асосҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқ ва объекти мавзуъ дуруст муайян карда шуда, методҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ истифода шудаанд. Нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда илман асоснок буда, боиси дастгирӣ мебошанд.

Шумора ва мазмуни мақолаҳои илмии нашрнамудаи муалиф ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамоянд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ихтисораҳо, муқаддима, 5 боб ва 14 зербобҳои мувофиқ, хулоса, тавсияҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва рӯйхати интишороти илмии довталаб оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ иборат мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодаи муаллиф дар баробари ҷабҳаҳои зиёди мусбӣ баъзе масъалаҳои баҳснок низ доранд, аз ҷумла, муаллиф зикр мекунад, ки “Сарчашмаҳои ҳуқуқии урфию одатӣ дар ибтидо махсусияти ғайришаклию ғайриақлӣ дошт...” (с. 17). Бо чунин ақида розӣ шудан душвор аст. Моҳияти инсон ақли ӯ аст ва аз пайдоиш хоси ӯст. Чӣ тавр урфу одатҳои инсонҳои қадимро мо “ғайриақлӣ” меномем?

Эродҳои зикргардида характери баҳснок дошта, аҳаммияти илмии таҳқиқоти диссертатсиониро коста намегардонад ва ба баҳои мусбии таҳқиқот таъсир намерасонад.

Дар умум, таҳқиқоти диссертатсионии Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур дар мавзуи «Ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик» ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, ба рушди илми ҳуқуқшиносӣ, махсусан, таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон ва ҳуқуқи инсон мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, Аминзода Абдурраззоқ Худойшукур сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария

ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, и.в.,
профессори кафедраи ҳуқуқи
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон У. А. Меликов

**Суроға:** 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кучаи Борбад 48/5
E-mail: dsx_ips@mail.ru
Тел.: корӣ 234-8802
Мобилӣ 100400879

**Имзои Меликов У. А. -ро**
**ТАСДИҚ МЕКУНАМ:**
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳи ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷураев Ш.Н.
«05» 03 2026 с.